## Хулосаи роҳбар

**ба рисолаи илмии унвонҷӯ Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ» (дар асоси маводи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бо ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) пешниҳод карда шудааст**

Дар шароити муносибатҳои нави бозорӣ ташкили оқилонаи шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ, яке аз масъалаҳои асоситарин ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди босуботи иқтисоди миллии кишвар нақши асосӣ дорад. Шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ ба заминаҳои аз ҷиҳати илмӣ ҳаматарафа асоснок кардашудаи ташкилию ҳуқуқӣ зич вобаста буда, интихоби дурусти онҳо барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меоварад. Заминаҳои ташкилию ҳуқуқии он маҷмуи омилҳоро дар бар мегирад, ки дар раванди татбиқи онҳо қабули қарорҳои дахлдор шарти муҳиму зарурист. Вобаста ба ин самти оқилонаи фаъолияти корхона муайян карда мешавад, ки рушди ояндаи он бо зиёд кардани фоида амалӣ мегардад.

Интихоби шаклҳои хоҷагидории бозорӣ, ташкилу истифодаи онҳо омили муҳими муайянкунандаи дараҷаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ маҳсуб ёфта, дар раванди қабули қарорҳо пеш аз ҳама бояд мавқеъи онҳо дар иқтисодиёт ба инобат гирифта шавад. Бо ин восита мо метавонем афзоиши минбаъдаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва содироти онро дар ин соҳаи барои иқтисоди кишварамон муҳим таъмин созем.Ҳамин тавр интихоб ва истифодаи дурусти шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар деҳот яке аз омилҳои муҳими таъмини самаранокииистеҳсолот, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворecho кишвар буда, муҳимияти омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи интихобгардидаро муайян мекунад.

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Рисола 175-саҳифаро дар бар гирифта, дар он 27- ҷадвал, 8- расм ва 4- диаграмма мавҷуд аст.

Рисолаи илмӣ маҷмуи масъалаҳои самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозориро дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Боби I- уми диссертатсия «Асосҳои илмию усулии самаранокии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ» буда, ҷанбаҳои назариявии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сектори аграрӣ, ташакулёбии институтҳои ташкилию ҳуқуқии бозоргониро ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС ва нақшу ҷойи шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар кишоварзӣ дар бар мегирад.

Боби II- юми диссертатсия бошад, «Ҳолати имрӯзаи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сохтори иқтисоди аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки дар он ҳолати муосири раванди ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзӣ, таҳлили тарҷеҳии нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ ва арзёбии шаклҳои гуногуни хоҷагидории фаъолияткунанда дар шароити бисёрукладӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби III- юми кор, ки «Ташкили механизми шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ҳамчун заминаи рушди устувори кишоварзӣ» номгузорӣ гардидааст, дар он дурнамои шакли ташкилию иқтисодии хоҷагидории сектори аграрӣ, хадамоти маркетингӣ ҳамчун ҷузъи таъмини устувории рушди хоҷагии деҳот ва механизми такмили он ва истифодаи таҷрибаи пешқадам - ҳамчун омили таъмини рушди устувори кишоварзӣ ҳаматарафа баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷу Саидов М. С. дар вақти иҷрои кор аз донишҳои назариявию амалии худ истифода карда, пойгоҳи ташкилию ҳуқуқии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар сектори аграрӣ, ҳолати муосири раванди ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва дурнамои шакли

ташкилию иқтисодии хоҷагидориро дар такя бо истифода аз хадамоти маркетингӣ ҳамчун ҷузъи таъмини устувории рушди кишоварзӣ аниқу равшан таҳқиқ намудааст. Ӯ дар вақти иҷрои кор ба истифодаи таҷрибаи пешқадам таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун омили муҳими таъмини рушди устувори кишоварзӣ маънидод кардааст.

Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич дониши хуби назариявӣ оид ба иқтисодиёт дошта, қонунҳои иқтисодиро дар вақти навиштани рисолаи илмӣ истифода кардааст, ки ин сифати кори илмиро боз ҳам хубтар кардааст. Ӯ тавонистааст амали баъзе аз қонунҳои иқтисодиро дар фаъолияти шаклҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда хулосаву пениҳодҳои худро мухтасар баён созад. Дар вақти иҷрои диссертатсия ӯ сидқан кор карда, моҳияти мавзӯро ҳаматарафа дарк кардааст.

Унвонҷу Саидов М. С. дар истифодаи адабиётҳои илмӣ қобилияти хуб дошта, дар ҷамъбаст хеле моҳирона хулосабарорӣ мекунад. Масъалаи муносибат ба истифодабарии замин, амалисозии шаклҳои хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ тули асрҳо баҳсталаб буданд ва мемонанд. Диссертант ақида ва таҷрибаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноку арзишмандро арзёбӣ намуда, андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирианд. Алалхусус пешниҳодҳо дар бораи номутаносибии нархҳои корхонаҳои саноатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ, ки сабаби душвор гардидани вазъи молиявию истеҳсолоти шаклҳои хоҷагидории бозорӣ мегарданд ва дар ин самт ҳарчӣ зудтар бунёд ва таъмини рушди корхонаҳои саноатии ватанӣ, ки ба истеҳсоли захираҳои истеҳсолии барои кишоварзон зарур айни мудаост. Инчунин ӯ қайд менамояд, ки самаранокии иқтисодӣ дар раванди азнавистеҳсолкунии васеъи захираҳои истеҳсолӣ дар кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Ин нишондиҳанда дар фаъолияти асосии хоҷагиҳо ҳатман ба инобат гирифта шавад. Ин ақида дар ҳақиқат арзишманд буда, ба инобатгирии он дар фаъолияти шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз манфиат холӣ нест. Пешниҳод доир ба ташкили шаклҳои хоҷагидории бозорӣ бо дар

назардошти шароитҳои табиӣ бо мақсади самаранок истифода бурдани намнокӣ, рӯзҳои офтобӣ ва дараҷаи гармии рӯзҳо ки боигариҳои муҳими табиӣ мебошанд, низ хеле ҳам ҷолиб аст.

Дар вақти иҷрои диссертатсия ҷиддӣ ва бо тайёрии ҳаматарафа муносибат мекард ва бо як масъулияти баланд супоришҳои додашударо дар сари вақт иҷро намуда, аз ҳалли масъалаҳои душвор дур нашуда, ҳама вақт дар ҷустуҷую дарёфти роҳи ҳалли мушкилоти илмӣ мебошад. Якчанд таклифу пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ дар ташкили хоҷагидории навин истифода карда шудааст. Дар баробари кори илмӣ карданаш, ӯ фаҳмиши хуби методӣ ва таҷрибавӣ дар раванди таълим дорад, ки инро дар амал дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси сохаи кишоварзӣ истифода мекунад.

Рисолаи илмии унвонҷу Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба диссертатсия (диссертатсияҳо)- и аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З. Р.**